# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058-и назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

аз 8 июни соли 2023 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 таҳқиқоти диссертатсионии Симоилбеков Асрор Музофировичро дар мавзуи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ (роҳбари илмӣ: **Мамадризохонов Акбар Алихонович** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биоэкология ва туризми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев; мушовири илмӣ: **Диловаров Раҳматшо Диловарович** – номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Умаров Хоҷимуҳаммад Умарович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иктисодӣ ва сайёҳии Донишгохи миллии Тоҷикистон; **Амонатова Маҳбуба Атоевна** – номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, баромади аъзои шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р., доктори илмҳои география, дотсент Раҳимов А.И., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Акобиров Ш.З. – ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кори диссертатсияи номзадӣ, аз ҷумла, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад;

2. Маводҳои илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Симоилбеков Асрор Музофирович дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ба Симоилбеков Асрор Музофирович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 8. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои география, профессор Муҳаббатов Х.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷӯраев А.Ҷ.